## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсент Юсупов Абдулло Исмоилович ба диссертатсияи Бобокалонова Рано Норбаевна дар мавзӯи «Хусусиётҳои луғавию семантикии услубии “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Суннати таълифи китобҳои ҷуғрофӣ дар осори классикии тоҷик аслан собиқаи дерин дорад, ки намунаҳои куҳани он «Шаҳристонҳои Эроншаҳр» ва «Шигифтӣ ва шоистагиҳои Систон» ном асарҳои даврони забони форсии миёна буда, баъдан дар асари “Ҳудуд-ул-олам”-и муаллифи гумном дар илми тоҷик ба ҳукми анъана даромад ва охирин намунаи онро метавон аз адабиёти тоҷики охири қарни XIX ва оғози қарни XX пайдо кард. Китобҳои «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Возеҳ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким ва чандин сафарномаву зиёратномаҳое, ки дар адабиёти тоҷик эҷод гардидаанд, ки дар радифи онҳо «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ қарор дорад.

Дар асоси нуктаҳои зикршуда гуфтан мумкин аст, ки дар таърихи инкишофи забони адабии тоҷик мақоми хос дошта, аз як тараф, баёнгари вазъ ва шароити таърихии замони зиндагии муаллиф бошад, аз тарафи дигар, матни асар ҳамчун маводи арзишманди забоншинос дар таҳқиқи таърихи ташаккул, таҳаввул ва инкишофи забони адабии тоҷик, ба хусус, корбурди луғот, мабнои луғавию маъноии сарфу наҳв ва сабки он аҳамияти бузурги илмиро молик мегардад. Аз баски ин китобҳо дар ташаккулу инкишофи сабки нигориши илмии тоҷику форс нақши фавқулодае бозидаанд, таҳқиқи забону услуби онҳо барои равшанӣ андохтан ба бисёр масъалаҳои таърихи забони адабии тоҷик ёри мерасонад. Бинобар ин диссертатсия номзадии Бобокалонова Р.Н., ки ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавию семантикии услуби “Таърихи ҳумоюн”-и

Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ бахшида шудааст, аз аҳамияти хосаи илмӣ бархурдор аст.

Диссертант дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ, дар хусуси аҳамияти пажӯҳиши мавзӯъ дар забоншиносӣ сухан ронда таъкид намудааст, ки "дар мавриди омӯзиши забон ва сабки осори илмии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, ки як давраи заминасоз дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик маҳсуб мешавад, «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ яке аз муҳимтарин кутуби илмии ин даврон мебошад ва барои баҳо додан ба манзараи рушди забони илми тоҷик дар он замон маводи фаровони илмӣ медиҳад" (с.5). Дарвоқеъ, мавзӯи рисолаи илмӣ яке аз масъалаҳои ниҳоят мубрами забоншиносии тоҷик – идомати таърихии суннати нигориши осори ҷуғрофии тоҷик ва заминаҳои таърихии ташаккули услуби илмӣ-ҷуғрофии забони адабии муосири тоҷикиро фаро гирифтааст, ки осори муаллифони ибтидои асри ХХ ба он оғоз бахшидааст. Забони ин асар, ки дар марзи миёни даврони пешин ва даврони навини инкишофи забони адабии тоҷик таълиф гардидааст, пайванди суннати классикии услуби нигориши ҷуғрофиёӣ ва услуби илмии забони адабии муосири тоҷикӣ мебошад. Диссертант зикр намудааст, ки «Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дар қатори он мутафаккироне қарор дорад, ки осораш масоили ҷуғрофиёи илмӣ ва амсоли онҳоро фаро гирифтааст, аз ин рӯ сабки марбут ба ин жанрро инкишоф додааст. Ӯ матлаби худро бо камоли соддагӣ баён мекунад ва ҳунармандии ӯ дар ин аст, ки матлаби илмиро барои ҳамагон ба таври дастрас манзур медорад» (Автореф., с 3).

Дар диссертатсияи номзадӣ дар асоси маводи фаровони забонӣ ва бар мабнои усули таҳқиқи синхронӣ-тасвирӣ ва таҳлили контекстуалӣ ва такя бар дастовардҳои забоншиносии муосир ҷанбаҳои луғавию дастурии услуби нигориши «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ мавриди таҳлили системавӣ қарор дода шудаанд. Зикр мегардад, ки Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дар қатори он мутафаккироне қарор дорад, ки осораш масоили ҷуғрофиёи илмӣ ва амсоли онҳоро фаро гирифтааст,

аз ин рӯ услуби марбут ба ин жанрро инкишоф додааст. Ӯ матлаби худро бо камоли соддагӣ баён мекунад ва ҳунармандии ӯ дар ин аст, ки матлаби илмиро барои ҳамагон ба таври дастрас манзур медорад.

Услуби «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ хоси осори илмӣ-ҷуғрофиёӣ мебошад, ки аз хусусиёти жанрии асар вобастагӣ доранд. Содагии баён, шевоии гуфтор, канорагирӣ аз печидабаёнӣ, ки хоси адибони дарбор буд, аз шохисҳои аслии услуби ин асар аст. Сабки жанри ин асар низ худ талаб менамояд, ки тасвири воқеот ба услубе бояд сурат гирад, ки барои хонанда қобили фаҳм ва аз ин рӯ, муаллиф дар интихоби калимаву таркибот ва таъбиру иборот бояд маҳорати хоса дошта бошад, то забони асар, аз як тараф, равону шево, ҷолибу ҷаззоб ва салису латиф ва аз тарафи дигар, барои намояндагони тамоми навъҳои гуфтории забони форсии дарӣ дастрас ва қобили дарк бошад. Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ дар ин ҷода адиби ниҳоят пухтакор аст ва дар интихоби унсурҳои забон барои баёни матлабу андеша дар ҳадди камоли эҳтиёткорӣ қарор дорад ва бо тасвири сода, вале ҷолибу дилпазир таваҷҷуҳи хонандаро ба рӯйдоду воқеоти тасвири худ раҳнамун месозад. Маҳорат ва салиқаи хуби нависандагӣ ба муаллиф имкон додааст, ки хонандаро вориди дунёе созад, ки худ зимни сафар бо чашмонаш дидааст ва ё нақлеву ривояте ё шоеъоте шунидааст ва хонанда низ зимни мутолеаи ин асар ҳамсафар, ҳамнафас ва ҳамфикри муаллифи он бошад.

Бояд гуфт, ки рисолаи Бобокалонова Р.Н. кори илмии бaанҷомрасидаест, ки барои муайян намудани ташаккулу таҳаввули услубиёти илмии тоҷик аҳамияти калони назариявию амалиро дорост.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия, тибқи расмиёти маъмулӣ, муҳимияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, навоварии илмӣ, усул ва методҳои таҳқиқот, мабнои методологӣ ва назариявии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян шуда, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, баён гаштаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Муҳити таърихии таълиф ва китобати «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ва нақши он дар забон ва услуби асар»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Зикр мегардад, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи забони адабии тоҷик давраи хосе маҳсуб мешавад, зеро дар ин даврон рӯйдодҳои навин ва таҳаввулоте, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа рух дода буд, дар тамоми бахшҳои зиндагии маънавии ҷомеа, аз ҷумла дар забон низ таъсири зиёд расонданд.

Дар фасли якуми диссертатсия оид ба "**Муҳити забонии даврони таълифи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ**" сухан меравад, ки тамоми паҳлуҳои асари фавқуззикрро фаро гирифтааст.

Диссертант доир ба нақш ва ҷойгоҳи асари мазкур андеша ронда, қайд намудааст: «Таърихи ҳумоюн» асари мансурест, ки дар бораи аморати Бухоро ва сарзаминҳои ҳамҷавори он маълумот дода, соли 1327 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба соли 1909 мелодӣ ба анҷом расидааст.

Дар зерфасли дуюми диссертатсия роҷеъ ба "**Шароити таърихии таълифи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ва инъикоси он дар услуби асар**" номгузорӣ шудааст, диссертант заминаи таърихии асарро бо такя ба манбаъҳо мавриди баҳси илмӣ қарор додааст.

Дар зерфасли сеюми боби мазкур сухан доир ба "**Хусусиятҳои жанрии услуби «Таърихи ҳумоюн» ва таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ дар таълиф ва китобати асар**" меравад, ки зимни пажӯҳиш диссертант ба таври муфассал хусусиятҳои услубии рисолаи Гулшаниро, ки чаҳорчӯби жанрии он тақозо доштааст, ва ҳамчунин омилҳои иҷтимоӣ-сиёсиеро, ки дар ташаккули сабки он таъсиргузор будаанд, муайян менамояд.

Дар боби дувуми диссертатсия – **«Хусусиятҳои корбурдии воҳидҳои луғавӣ дар «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ»**, ки фарогири чаҳор фасл мебошад, зикр гаштааст, ки калима воҳиди асосии маънодори забон аст, ки мафҳум ба воситаи он ифода мeёбад, аз ин рӯ корбурди дуруст ва бамавқеи вожагон барои баёни дақиқу амиқ ва ҳадафманди нависанда кӯмак мерасонад.

Дар нахустин фасли боби дуюми диссертатсия сухан доир ба “**Корбурди имконоти услубии муродифоти луғавӣ**” меравад, ки диссертант ин масъаларо бар мабнои мисолҳои фаровон аз асари мазкур мавриди таҳқиқи амиқ қарор медиҳад. Ба ибораи дигар ифода намоем, муродифот, ки яке аз василаҳои услубии асари фавқуззикр маҳсуб мешавад, ҳаматарафа таҳлил таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Зербоби дуввуми боби номбурда доир ба “**Корбурди имконоти услубии ҳамгунҳо**” унвон гирифтааст, ки диссертант ин масъаларо бо овардани намунаҳо аз асари мазкур мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши амиқ қарор додааст. Бояд ёдовар шуд, ки мафҳуми истилоҳии омонимҳоро дар баъзе мавридҳо бо ду васила ба кор мебаранд, яъне, таҷнис ва ҳамгуна ё ин ки ин унсури забониро бисёртар дар илми забоншиносӣ чун омоним корбаст менамоянд.

Дар фасли севуми боби мазкур, ки “**Корбурди имконоти услубии калимаҳои мутазод**” номгузорӣ шудааст, ки диссертант онро хело хуб баррасӣ кардааст. Бояд тазаккур дод, ки падидаи тазодиро дар илми забоншиносӣ бо чанд роҳ ба кор мебаранд, яъне тазод, мутазод, муқобала ва зидмаъноро доро мебошад. Диссертант дар диссертатсияи худ ин падидаи забониро дар муқоиса ба асар дида баромадааст, ки ин ҳам бошад аз барои ба хонанда дастрас будани ин нозукиҳои асарро шаҳодат медиҳад. Як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки падидаи тазодӣ дар асари фавқуззикр то он андозае ба чашм назаррас буда, онро ҳам бошад диссертант дар диссертатсияи хеш барои возеҳу фаҳмо будани он омилҳои тазодиро баён доштааст, ки хело ҳам ба маврид баррасӣ карда шудааст.

Дар фаслии чаҳоруми боби дуюми диссертатсия бошад сухан роҷеъ ба “**Корбурди калимаҳои мансуб ба минтақаҳо**” меравад, ки диссертант ин масъаларо дар заминаи шеваву гуфторҳои маҳаллӣ баррасӣ ва мавриди пажӯҳиши амиқ ҷой додааст. Боиси зикр аст, ки забон бидуни шеваву лаҳҷа рушд карда наметавонад, чунки яке аз появу рукнҳои асосии забон ин ду мафҳуми ба ҳам ҳамтавъам мебошанд. Унвонҷӯ дар ин фасл нақш ва

ҷойгоҳи корбасти вожагони марбут ба баъзе минтақаҳоро дар асари мазкур дида баромадааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Корбурди маводи ономастикӣ дар асар»** унвон гирифтааст, ки аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб номҳои ашхос ё антропонимҳое, ки дар асари номбурда вобаста ба инъикоси воқеаҳо, зикри дахмаву қалъаҳо, манораҳо ва мазору мавзеъҳои таърихӣ-ёдгорӣ мавриди корбурд аз ҷониби муаллифи асар қарор гирифтааст.

Дар фасли якуми боби севуми диссертатсия оид ба антропонимикаи асар сухан меравад ва таъкид мегардад, ки дар асари мазкур номи зиёди одамон вобаста ба инъикоси воқеаҳо, зикри дахмаву қалъаҳо, манораҳо ва мазору мавзеъҳои таърихӣ-ёдгорӣ мавриди корбурд аз ҷониби муаллифи асар қарор гирифтааст. Тавре тавзеҳ дода шудааст, номҳои ашхоси алоҳидаи асотирӣ ва таърихиву воқеӣ, ном бо насаб [патронимҳо], номи авлодӣ, номи мустаор, лақабу тахаллус, ном бо мансубият ба маҳал, шаҷара, ном бо нишондиҳии ҷоҳу манзалат ва лақабу тахаллуси одамонро бахше аз ономастика – антропонимика мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Фасли дуввуми боби сеюми диссертатсия, ки "**Номҳои асотирӣ ва афсонавӣ (мифонимҳо)**" унвон гирифтааст, ишора шудааст, ки афсона ва ва устураҳо дар заминаи тахайюли зеҳнӣ ва фикрҳои бофта ба амал меояд, ки боиси пайдоиши номҳои гуногун гардидааст ва чунин номҳо дар асари мазкур ба таври густарда истифода гардидаанд.

Дар фасли дигари ин боби рисолаи номзадӣ сухан роҷеъ ба "**Номи шахсони воқеӣ-таърихӣ**" меравад, ки дар ин фасли мазкур диссертант ҷойгоҳи номҳои маъмул, шахсони фозилу фарзона, қавму қабоили намоён ва воқеоту асолати таърихии инсонҳои наҷибро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар фасли баъдина бошад, номҳои авлиёҳо, шайххо ва чеҳраҳои динӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар фасле, ки "**Номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашроф**" номгузорӣ карда шудааст, ки диссертант мавқеъи ин гуна антропонимҳоро

дар асари фавқуззикр бо мисолҳои муътамад мавриди таҳқиқу баррасии амиқ қарор додааст.

Дар фаслҳои дигари боби севуми диссертатсия **номи ҳокимон, волиён ва дигар амалдорони давр**, ҳамчунин **номҳои халифаҳо, сипоҳиён ва лашкаркашон** таҳлил кардааст, ки барои муайян намудани ҷараёни таҳаввули антромпонимияи тоҷик матлаби фаровоне фароҳам месозад.

Дар боби чаҳоруми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусиятҳои корбурди имконоти семантикию сарфии забон дар «Таърихи ҳумоюн»** таъкид мегардад, ки масъалаи услубиёти сохтори грамматикии асари бадеӣ дар тафовут аз услубиёти луғавӣ яке аз мавзӯоти нисбатан кам таҳқиқшуда дар услубшиносии забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин пеш аз ҳама, ба он вобастагӣ дорад, ки баъзе паҳлуҳои услубии ҳиссаҳои нутқ ҳанӯз ҳам ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ки дар натиҷа марзҳои миёни корбурди хоси воҳидҳои грамматикӣ дар забони умумихалқӣ ва он вазифаҳои услубии ин воҳидҳо, ки дар забони осори бадеӣ ба назар мерасанд, дақиқ муайян нагардидаанд.

Дар қисмати **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти баанҷомрасида баён карда шудаанд, ки дар ташаккули хусусиёти луғавию семантикии услубии асари фавқуззикрро ба таври муфассал ҷой дода шудааст.

Кори диссертатсионии Бобокалонова Рано Норбаевна дар асоси меъёрҳои илмии муосир таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Зикр бояд кард, ки дар баробари дастовардҳои унвонҷӯй дар диссертатсия ва автореферати он аз баъзе нуқсонҳо ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ мусоидат хоҳад кард:

1. Дар боби дуюми кори илмӣ хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардидаанд, аммо дар он масъалаи имконоти услубии

корбурди сермаъноии калима дар ин асари Гулшанӣ аз мадди назар дур мондааст.

2. Гарчанд диссертант зимни таҳлили масъалаҳои илмӣ аз микдори фаровони осори илмӣ истифода бурда бошад ҳам, аммо бештар ба китобҳо ва мақолаҳои илмии дар солҳои пеш нашршуда такья карда, ба осори илмие, ки дар солҳои охир ба табъ расидаанд, камтар таваҷҷӯҳ кардааст.

3. Дар мукаддимаи кори илмӣ таъкид шудааст, ки “дар мавридҳои зарурӣ усулҳои роиҷи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ низ ба кор гирифта шудаанд” (автореф., с 6), аммо чунонки аз муҳтавои рисолаи номзадӣ бармеояд, ин усулҳои тадқиқ дар он ба таври бояду шояд истифода нашудаанд.

4. Диссетрант барои муайян намудани ҷойгоҳи асари Муҳамадсодиқхоҷаи Гулшанӣ мебоист матни онро бо осори дар ин жанр таълифкардаи мутафаккирони пешини форсу тоҷик муқоиса менамуд, аммо ба тавре ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ин амал анҷом дода нашудааст.

5. Дар саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои дорои характери услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (с. 4, 8, 9, 14, 22 ва ғ.).

6. Матнҳои тоҷикию русии автореферати диссертатсия низ аз ғалатҳои услубӣ ва имлоиву техникӣ орӣ нестанд (с. 5, 11, 12, 17, 21 ва ғ).

Ба сурати куллӣ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳоислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), ва вумақолаҳои илмии диссерант, ки доир ба мавзӯъ ба чоп расидаанд, муҳтавои диссертатсияро ба сурати комил инъикос мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Бобокалонова Рано Норбаевна бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 6 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз шумори онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, мутобиқи талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, мазмуну мундариҷаи кори илмии диссертантро ба сурати фишурда инъикос кардаанд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобокалонова Рано Норбаевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино
н.и.ф., дотсент Юсупов Абдулло Исмоилович

Нишонӣ: 734025, ҶумҳурииТоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ф. Муҳаммадиев 54, ҳуҷраи 14
Тел: 44 600 39 17
Моб: (992) 985 63 64 65
E-mail: abdullo-eusupov@inbox.ru

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро
тасдиқ менамоям

Мудири шуъбаи кадрҳои МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино” Абдуллоев Саидхоҷа Муртазоевич

17.10.2019.